**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи номзадии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурати ҳатмӣ будани истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, методҳои нави таълиму тарбия, донистану татбиқ кардани техникаи компютерӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро дар ҳар як фанну ихтисос тақозо менамояд. Роҳандозии муносибати босалоҳият дар таълим маънои роҷеъ ба маводи омӯзишӣ чиро хондан, чиро донистан ва чиро иҷро карда тавонистани донишҷӯро дорад. Вобаста ба талаботи мазкур донишҷӯ бояд тасаввурот ва иттилооти амиқ дошта бошад.

Аз ин рӯ, ба масъалаи таҳқиқи заминаҳои илмию методии нақш ва аҳамияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омузиши фанни таърих мурофиат намудани унвонҷуй Раҳимова Сарвиноз як самти тозаи таҳқиқотиро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, ин рисоларо бо тозагии мавзуи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳимми самти баррасии аҳамияти омодасозии омӯзгорони ояндаи

фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ унвон кард, ки то кунун ба ин масъала камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии масъалаи мавриди назар, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқот, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Боби аввали рисола **«Асосҳои илмӣ - назариявии истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии касбӣ»** унвон дошта, масъалаҳои аслии таҳқиқот дар се фасл мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ин боб мафҳуми «салоҳияти иттилоотии донишҷӯён» – ҳамчун тавсифи маҷмуӣ таълимгиранда, ҳамчун сатҳи баланди донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, маҳорати истифодаи ин донишҳо дар раванди азхудкунии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ, омодагӣ ҷиҳати истифодаи техника ва технологияи компютерӣ дар фаъолияти касбӣ муайян карда мешаванд. Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгори ояндаи фанни таърих (ҳамчун бахши таркибии салоҳиятнокии иттилоотӣ) дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии раванди азхуд кардани назария ва амалияи истифодаи ТИК барои ба амал баровардании ҷамъоварӣ ва интиқол, коркард, нигоҳдорӣ, истеҳсоли иттилооти гуногун (матнӣ, тасвирӣ), татбиқи ҳамкории иттилоотӣ ба мақсади ҳаллу фасли вазифаҳои умумипедагогӣ ва методӣ дарк карда мешавад. Маҳз ҳамин мафҳумҳо метавонанд маънои том, дастгоҳи категориявӣ диҳад, ки бо воситаи он фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор дар ҳамаи самту пайдоишаш тавсиф дода мешавад.

Ба таври умум, унвонҷӯ марҳилаҳои таҳқиқоти рисолаи мазкурро тақсимбандӣ намуда, заминаҳои назариявии ҳаллу фасли масъала ва методҳои таҳқиқот муайян кардааст.

Баъдан, дар рисола муҳаққиқ овардааст, ки истифодаи самараноки ТИК дар факултети таърихи мактаби олии педагогӣ метавонад фақат ба шарофати истифодаи методикаи илмии таҳиякардашуда таъмин карда шавад. Ин методика дар асоси принсипҳои муттасил, тартиб ва пайдарҳамӣ мантиқан амалӣ карда мешавад, яъне аз омӯзиши донишҳои умуминазариявӣ дар курсҳои поёнӣ то бунёдгароии ҳар чӣ бештари онҳо, ки зери назари инкишофи пайдарҳамии малака ва маҳоратҳои зарурӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таълим дар донишгоҳ бунёд гардидааст, иборат мебошад.

Муаллиф дар заминаи таваҷҷӯҳ ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони фанни таърих бо истифода аз ТИК муроҷиат намуда, барои боз ҳам боло рафтани ташкили кори таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақши муассир гузоштани ин самти афзалиятнокро таъкид кардааст.

Боби дуюм **«Таъмини самаранокӣ ва татбиқи ТИК дар муассаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Дар ин бахши рисола унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки бо такя бар таҷрибаҳои озмудашуда роҳҳои татбиқи **амсилаи иттилоотонии омӯзгорони ояндаи таърих** мавриди омӯзишу баррасӣ намояд. Дар ҷараёни гузаронидани озмоиш самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар факултети таърих санҷида шудаанд.

Корҳои озмоишӣ доир ба ташаккули қобилияти донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шуд.

Мақсади ин марҳилаи корҳои таҷрибавию озмоишӣ аз амалӣ намудани амсилаи пешниҳодкардашудаи ташаккули салоҳияти истифодаи ТИК аз ҷониби донишҷӯён дар ҷараёни иттилоотонии таълим дар факултети таърихи муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ иборат мебошад.

Дар марҳилаи тасдиқи озмоиш таҷрибаи кории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар

соҳаи ТИК таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Заминаҳои назариявии ҳаллу фасли масъала муайян карда шуда, фарзияи корӣ ифода гардида, методҳои таҳқиқот муайян карда шуданд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти хеш ба хулосае расидааст, ки мушоирати педагогӣ, ки барои сохтани шароити махсус дар ҷараёни таълим равона карда шудаанд, ба ташаккули малакаи корбарии ТИК аз ҷониби омӯзгорониояндаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар рисола ин шарти муҳим тавассути гузаронидани озмоишҳо, ки дар ҷадвалҳои алоҳидаи рисола нишон дода шудааст, пеш аз ҳама дараҷаи саводнокии омӯзгорон ва мутахассисони оянда дар самти донишҳои педагогӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо дар чанд гуруҳҳои муайян муқаррар карда шудааст. Бесабаб нест, ки хусусияти фарққунандаи таҳсилоти олии касбии муосири тоҷик дар низоми омода намудани мутахассисони оянда ба ташаккули омодагӣ ба истифодаи ТИК дар фаъолияти педагогӣ алоқаманд мебошад.

Муҳаққиқ, дар хулосаи рисола таҳқиқоти бадастомадаро натиҷабардорӣ намуда, ҷамъбаст ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба ташкили раванди таълим, омӯзиши донишҳои умумии назариявӣ, ки бо методикаи ташаккули маҳорат ва малакаи зарурӣ дар зинаҳои минбаъдаи таҳсил дар донишгоҳ бо истофодаи ТИК ба роҳ монда мешавад, баён кардааст.

Унвонҷӯ дар асоси натиҷагирии рисолаи худ ба омӯзгорони оянда тавсия додааст, ки дар таълими ҳамаи фанҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, аз он ҷумла таърих, бо истифодаи ТИК ҳамчун воситаи ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххас аз таҳқиқоти мазкур низ метавонанд босамар истифода намоянд.

Дар умум, рисолаи Раҳимова Сарвиноз кори анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари комёбиҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои боз ҳам такмил ёфтани арзиш ва аҳамияти илмии рисола чанд пешниҳод манзур

мегардад, ки ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кори муаллиф хоҳад буд:

1. Дар матни диссератсия ё қисми замимаҳои он овардани корҳои мушаххас оид ба ташкили раванди таълим, татбиқи методҳои пешниҳодшуда, тавсифи машғулиятҳо ва маводҳои дидактикии истифодашуда дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро боло мебардорад. Агар унвонҷӯй ба сохтори диссертатсия онҳоро дохил мекард, арзиши кори таҳқиқотӣ баланд мешуд.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни таърихи муассисаҳои олии касбӣ бо истифодаи ТИК таҳлил ва арзёбӣ мегардид, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷӯстуҷуи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ, техникӣ ва калимаҳои хато дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо забони тоҷикӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳо ва дастурҳои методии таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 11 адад буда, аз он 5-мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, пурра инъикос мекунанд.

Муаллифи диссертатсия муваффақ бар он гардидааст, ки як мавзӯи тоза ва мувофиқ ба талаботи рӯзро мавриди баррасӣ қарор дода, барои ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ  пешниҳодоти мушаххас баён созад.

Дар умум, рисолаи илмии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҷои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он арзанда дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва
табиатшиносии муосири Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Азимова Н. С.

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, Маҳаллаи17, хонаи 1,
Телефон: + 992(3422)23811
Почтаи электронӣ: nazira-tgu@mail.ru
Вэб сомона:www.tsulbp.tj

Имзои Азимова Н.С.–ро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон Мирпоччоев И.Х.